# *«Tajikistan State University of Commerce»*

## *Course name: National economy*



**Week:1. Introduction. The essence and importance of the national economics subject.**

**Khojazoda Dilovar Khairuddin**

**Lecturer of:**
*National economy*

# *«Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тиоҷикистон»*

## *Номи фан: Иқтисоди миллӣ*



**Мавзӯи: 1. Муқаддимаи фан. Моҳият ва аҳамияти фанни иқтисоди миллӣ.**

Хоҷазода Диловар Хайруддин

*Номи фан:*
*Иқтисоди миллӣ*

## Саволҳои лексия:

1. Мафҳум, моҳият ва шарҳи иқтисоди миллӣ.
2. Таркиб ва мақсадҳои иқтисоди миллии муосир.
3. Тавсифи хислатҳои иқтисоди миллӣ

# Мафҳум, моҳият ва шарҳи иқтисоди миллӣ:



Иқтисод дар шароити имрӯза яке аз мафҳумҳои сермасриф ба шумор меравад. Ин мафҳум аз калимаи юнонии «ойкономика» гирифта шуда маънояш санъати идоракунии хоҷагии хонавода мебошад ва аслан муносибатҳои хоҷагидориро ифода менамояд.

# Иқтисод пеш аз ҳама маҷмӯи истеҳсоливу хоҷагидории ҷомеа мебошад.

Иқтисоди корхона, иқтисоди миллӣ, иқтисоди хурд ё макроиқтисод, иқтисоди қафомонда, иқтисоди пушида ё кушода ва ҳоказо -ин ибораҳое мебошанд, ки муносибатҳои гуногуни хоҷагидориро ифода менамоянд. Пайдоиш ва инкишофи ин муносибатҳо ба асари инкишофи ҷомеаи башари ҷой дошта, марҳилаҳои гуногуни таърихиро аз сар гузаронидаанд.

# Шарҳи мафҳуми иқтисоди миллӣ

Мафҳуми «иқтисоди миллӣ» яке аз фаҳмишҳои марказии макроиқтисод ба ҳисоб меравад. Ин мафҳумро бори аввал олими амрикои “Василий Леонтев” ҳамчун низоми худтанзимшаванда, ки аз фаъолиятҳои гуногуни ба ҳамдигар алоқаманд таркиб ёфтааст, истифода карда буд.

2.Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 53с.

# Иқтисоди миллӣ –ҳамчун маҷмӯи иқтисодиёти мамлакат

Иқтисоди миллӣ – маҷмӯи иқтисодиёти мамлакат буда, дар заминаи истиқлолияти сиёсӣ ва дигар унсурҳои пайвастаи давлати миллӣ ташаккул меёбад. Таъмини истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ, низом ва фарҳангии кишвар бо ҳифзу равнақи муносибатҳо бо ҷомеъаи мамолики олам, бунёди ҷумҳурии озод, мустақил, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва пешрафта, ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ дар саросари кишвар – ин омилҳое мебошанд, ки таҳкими иқтисоди миллиро устувор месозанд.

3.Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 488 с.

**Азбаски иқтисоди миллӣ мафҳуми мураккаб аст, шарҳи онро мехостем батафсилтар баён намоем:**

Иқтисоди миллӣ маҷмӯи узвҳои бисёрзинаи соҳаҳои гуногун мебошад, ки бо робитаҳои бисёрҷабҳаи иқтисодии худ ба ҳамдигар пайваст гашта, чун организми ягона амал мекунад.

**Иқтисоди миллӣ –ифодакунандаи низоми бозори миллӣ:**

Хоҷагии миллӣ дар дохили худ ба тариқи гурӯҳбанди бозорҳои махсусро тавлид менамояд –бозори мол ва хадамот, бозори молия, бозори меҳнат, бозори амволи ғариманқул, бозори моликияти зеҳнӣ ва ғайра. Инкишофи иқтисоди миллӣ ба такмилёбии бозори дохилии худ мусоидат менамояд.

# Хоҷагии миллӣ, чун маҷмӯи иқтисоди дохили кишвар ва иқтисоди беруни мамлакат.

Мафҳуми иқтисоди миллӣ дар ҳайати худ на танҳо иқтисоди дохилӣ, балки чараёнҳои иқтисодии мамлакатро берун аз марзи он дар бар мегирад. Дар ин ҷо сухан дар бораи фаъолияти резидентҳо (аз калимаи лотинии rezidentis –бошанда, барои истиқомат омада –шаҳрванди ягон кишваре, ки дар давлати хориҷӣ доимӣ зиндагӣ мекунад) давлати мазкур берун аз қаламрави мамлакат, истифодаи иқтисодии омилҳои истеҳсолӣ (сармоя, қувваи корӣ, воситаҳои истеҳсолот) ба давлати мазкур таалуққдошта меравад, ки дар давлатҳои хориҷӣ воқеъ мебошанд.

5.Бабашкина А.М. Государственное регулирование национальной экономики. Учеб. пособие. М.: Финансы и статистика, 2006с.

# Иктисоди миллӣ чун узви иқтисоди ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ.

Чуноне, ки дар боло қайд карда шуд, ҳеч як давлати дунё берун аз ҳамкори бо дигар давлатҳо пеш рафта наметавонад. Тақсимоти байналмилалии меҳнат, ки дар ҷаҳон вуҷуд дорад, тақозо менамояд, ки давлатҳо афзалияти ингуна тақсимотро истифода намоянд, равобиту ҳамкориҳои иқтисодии худро бо ҷаҳони хориҷ густариш диҳанд.

# Иқтисоди миллӣ – чун низоми муайяни дониш, шохаи илми иқтисод

- Фанни махсуси таълимии иқтисодиёт дар диёри мо вобаста ба давраи нави давлатдори мебошад.
- Фанни иқтисоди миллӣ вазифаҳои хоси худро дошта, бо фанҳои дигари иқтисодӣ алоқамандии зич дорад.

## Таркиб ва мақсадҳои иқтисоди миллии муосир:

Бояд қайд намуд, ки асоси иқтисоди миллиро корхонаҳо, фирмаҳо, ташкилотҳо, хоҷагиҳои хонагӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ ташкил медиҳанд, ки онҳо дар низоми тақсимоти ҷамъиятии меҳнат вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд. Иқтисоди миллӣ аз соҳаи истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ иборат аст.

# Иқтисоди милли ва дурнамои он




Рушди иқтитсоди миллӣ дар шароити мӯосир

# Соҳаи истеҳсолӣ




Ин маҷмӯи соҳаҳои тавлидкунандаи маҳсулоти ҷамъиятӣ мебошад, ки ба ин соҳа дохил мешавад: саноат, кишоварзӣ, савдо, нақлиёт ва дигар соҳаҳои тавлидкунандаи мол. Соҳаи истеҳсолӣ ба истеҳсолоти моддӣ (истеҳсолоте, ки воситаи истеҳсолот ва предметҳои истеъмолӣ истеҳсол мешавад) ва ғайримоддӣ (соҳаи илм, санъат, маданият, маориф, тандурустӣ ва ғ.) ҷудо карда мешавад.

# Асосӣ рушди иқтисодиёти мамлакат

Ба ҳамагон маълум аст, ки асоси рушди иқтисодиёти ҳар як мамлакатро истеҳсолот ташкил медиҳад. Вобаста бо ин истеҳсолот барои таъмини рушди иқтисодиёти мамлакат фаъолият намуда, батараф намудани сатҳи бекорӣ ва рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилиро таъмин менамояд. Инчунин истеҳсолот ҳолатҳои рақобанокиро пурқувват намуда сифати маҳсулотро боло бардошта арзиши онро паст менамояд, ки ин ба хоҷагиҳои хонавода таъсири мусби мерасонад ва сатҳи зиндагии аҳолиро беҳтар менамояд.

# Соҳаи ғайристеҳсолӣ

Соҳае мебошад, ки маҳсулот истеҳсол накарда, балки дар тақсимоти он ширкат меварзад (соҳаҳои мудофиа, ҳифзи ҳуқуқ, муассисаҳои динӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ дохил мешаванд).

# Мақсадҳои асосии ҳаргуна иқтисоди миллӣ инҳо мебошанд:

Таъмин намудани суръати бештари афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти миллӣ, ба хотири рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ;

Таъмин намудани дараҷаи устувори нархҳо, ба хотири паст намудани бекурбшавии пул ва таъмини мувозинати тақозою арза;

Таъмин намудани содироти бештар ба хотири афзоиши содироти соф (фарқи байни содирот ва воридот) ва таъмини ҷиҳати мусбии тавозуни пардохт;

Таъмини дараҷаи баланди шуғли аҳоли ба хотири таъмини ҳамаи аҳолӣ бо музди кор ҷои кор ва талаботи бо маблағ таъминбуда.

# Такмили раванди соҳаи истеҳсоли ва ғариистеҳсолӣ

Соҳаҳои истеҳсоли ва ғайри истеҳсоли дар сатҳи иқтисодиёт ва иҷтимоиёти мамлакат нишондиҳандаҳои асоси буда барои рушди бо суръати иқтисоди милли таъсирбахш ба ҳисоб меравconfigure.



# Тавсифи хислатҳои иқтисоди миллӣ:

Характери миллӣ гирифтани иқтисодиёти кишвар ба он имконият медиҳад, ки якчанд хислатҳои навро соҳиб бошад. Чун организми ягона вай чунин нишонаҳоро дар бар гирифта амал мекунад:

- ✓ Якум, фазои ягонаи иқтисодӣ, ки дар асоси қонунгузории ягона, воҳиди ягонаи пулӣ, низоми умумии қарзию пулӣ ва молиявӣ ташаккул ёфтааст;
- ✓ Дуюм, алоқаҳои пайвастаи иқтисодии байни субъектҳои хоҷагидор, ки дар доираи умумии такрорситеҳсоли кишвар ба вуҷуд омадааст;

- Сеюм, мавҷудияти маркази ягонаи мустақили идора, танзим ва ҳамоҳангсозии иқтисодиёт, ки аз мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроияи марказӣ иборатанд;
- Чорум, вуҷуд доштани маҳдудияти марзӣ, ки бо марзи кишвар муайян мешавад.

# Хислати якпорчагӣ

Хислате мебошад, ки дар сатҳи иқтисоди миллӣ дар худ ягонагиву тамомиятро дорад. Ин хислат дар он ифода меёбад, ки тағйироти ягон узви алоҳидаи иқтисод ба узвҳои дигар бетаъсир монда наметавонад.

Таѓоев Љ.Њ. Асосњои микромолиякунонї (Воситаи таълим). – Душанбе: «Ирфон», 2006. -144 с.

# Таъсирасонии ҳолати хислати якпорчагӣ

Иқтисодиёт бо ин хислати худ, ташбеҳи вобастагии узвҳоро ба ҷамъияти инсонӣ мемонад, ки ба ин маъное, ки агар дар ягон бахши иқтисодӣ тағйиротҳои куллӣ ба вуҷуд ояд –пешравӣ ё қафомони ба миён ояд – ин ҳодисаҳо дарҳол ба нишондиҳандаҳои умумии иқтисоди миллӣ таъсир нарасонда намемонанд.

# Хислати иерархии

Хислате мебошад, ки иқтисоди миллӣ дар он сохторҳои дохилии низоми иерархӣ ҷой дорад –сохторҳову унсурҳои он аз боло ба поён ҷойгир шуда, аз ин рӯ тартиботи зинагии итоаткунии (ташкилоту одамон) аз рӯйи мартаба ва мансаб, яъне «зинаҳои иерархӣ» сурат мегирад.

# Хислати иерархи дар сатҳи иқтисоди миллӣ

Роҳбар-директор

Муовини роҳбар-директор

Сардори шӯъба

Сармутахасис

Мутахассис

# Хислати ҳамгирой (интегративӣ)

Хислате мебошад, ки дар худи қисматҳои дохилии иқтисоди миллӣ вуҷуд надорад. Имконияти ҳамгироие, ки ба иқтисоди миллӣ мансуб аст – ин қобилияти он барои муттаҳид сохтани қисмҳои ҷудогонаи низоми иқтисодӣ, имкониятест, ки дар натиҷа самараи пайвастагию ҳамкориро ба вуҷуд меорад. Иқтисоди миллӣ аз ин хислати худ истифода намуда, соҳиби самараи ҳамгирой мегардад.

# Хислатҳои амалкунанда дар шароити иқтисоди миллӣ

Дар қатори хислатҳои зикргардида иқтисоди миллӣ якчанд хислатҳои дигареро низ дорост: якум ин ки иқтисоди миллӣ низоме мебошад, ки доимо дар ҳолати ҳаракат, тағйирёбӣ ва чараёни инкишоф қарор дорад; дуюм, ин ки иқтисоди миллӣ метавонад низоми дохилӣ ё беруна, низоми кушода ё пӯшида дошта бошад.

# Вобаста бо ин хислатҳо ибораҳои гуногун арзи вуҷуд доранд:

Масалан: иқтисоди дохилӣ, иқтисоди миллӣ, иқтисоди озод, иқтисоди пӯшида, иқтисоди мушоҳиданашаванда.

# Адабиёти истифодашуда:

1. Бабашкина А.М. Государственное регулирование национальной экономики. Учеб. пособие. М.: Финансы и статистика, 2006с.

2. Гранберг А.Г. Основы региональной экономики: учебник. –М., 2001с.

3. Қодиров Ш.Ш. Назарияи иқтисодӣ: иқтисоди миллӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ: Китоби дарсӣ –Душанбе: Амри илм, 2001. -134с.

4. Национальная экономика: Учебник /Под. ред. Общ. ред. Р.М. Нуреева. –М.: ИНФРА-М, 2009с.

5. Тағоев Ҷ.Ҳ. Асосҳои микромолиякунонӣ (Воситаи таълим). –Душанбе: «Ирфон», 2006. -144 с.

6. Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 488 с.

7. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 53-54с.

# ТАШАККУР БА ДИҚАТАТОН